**Тақризи роҳбари илмӣ**

**ба диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050606– Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ ба мавзуи ниҳоят муҳими иқтисодӣ бахшида шудааст. Кори диссертатсионӣ дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)” на танҳо аз руи ҷанбаи назариявӣ аҳамият дорад, балки барои рушди иқтисоди миллии Тоҷикистон ва бахусус вилояти Хатлон зарурияти амалӣ дорад. Муаллиф тавонистааст масъалаҳои калидиро дар асоси манбаъҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии кишвар мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Дар боби аввал, муаллиф моҳият ва зарурати сармоягузории хориҷиро дар шароити муносибатҳои бозорӣ нишон медиҳад. Ҷанбаҳои илмии сармоягузорӣ хуб таҳлил гардида, мақоми он дар низоми иқтисодиёти миллӣ асоснок карда шудааст. Ҳамчунин, муаллиф хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дар ҷалби сармоягузорӣ дар Тоҷикистон баррасӣ менамояд, ки онҳо барои асоси илмӣ аҳамияти калон доранд.

Боби дуюм характери таҳлилӣ дошта, муаллиф вазъи воқеии ҷалби сармоягузории хориҷиро дар вилояти Хатлон бо истифодаи маълумоти оморӣ ва мисолҳои мушаххас нишон медиҳад. Ҷудо намудани нақши сармоягузории мустақим ва дигар шаклҳои он барои рушди иқтисоди минтақа қадами муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин қисмат муаллиф тавонистааст, ки натиҷаҳои муҳими илмӣ ва амалии таҳқиқ пешниҳод намояд.

Дар боби сеюм, муаллиф роҳҳои беҳсозии фазои сармоягузорӣ, механизмҳои ҷалби сармоягузорӣ ва мушкилоти мавҷударо нишон медиҳад. Пешниҳодҳои амалӣ оид ба беҳсозии сиёсати сармоягузорӣ барои вилояти Хатлон ва умуман Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти назаррас доранд.

Пешниҳодҳо бо асоснокии назариявӣ ва тавсияҳои амалии муаллиф ифодаи илмӣ ёфтаанд.

Умуман, диссертатсия аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва мантиқ мутобиқ ба талаботи илмӣ буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки муаллиф мавзуъро амиқ омӯхта, тавонистааст ҷанбаҳои назариявӣ, таҳлили оморӣ ва пешниҳодҳои амалиро дар як низом ироа намояд. Бо вуҷуди баъзе камбудиҳои ҷузъӣ (масалан, зарурати амиқтар кардани муқоиса бо таҷрибаи хориҷӣ), кор ба таври умум арзишманд буда, метавонад ҳамчун асос барои истифодаи амалӣ ва таҳқиқоти минбаъда хизмат кунад.

Диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи "Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз руйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050606– Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ) ба талабот ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
и.в. профессори кафедраи
иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Содиқов М.С.

Дурустии имзои Содиқов М.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

26.11.2024с.